# Садриддин Айнӣ



**Тарҷумаи ҳол.** Садриддин Саидмуродзода Айнӣ 15 апрели соли 1878 дар деҳаи Соктареи тумани Ғиждувони Амората Бухоро (акнун дар ноҳияи Ғиждувони вилояти Бухорои Узбакистон) ба дунё омадааст. Падараш Саидмуродхоҷа кишоварз буд аммо чун худ соҳиби хату савод буд, кӯшиш мекард, ки фарзандонаш низ донишомӯхтаву донишманд бошад. Аз ин рӯ писараш Садриддинро дар шашсолагӣ ба мадрасаи рустояшон дод. Устод Айнӣ донишомӯзияш дар он мадрасаро дар достони «Мактаби кӯҳна» тасвир карда ва дар «Ёддоштҳо» мегӯяд: «Чунон ки падарам дид, дар он мактаб ман саводи амиқ гирифта натавонистам ва маро ба мактаби духтарона дод». Дар мактаби духтарона Садриддин чанд чузъ аз Бедил ва чанд ҷузъ аз ғазалиёти Соибро хонда дар даҳсолаги мактабро хатм мекунад. Аммо бачагии Садриддин дар оғуши падару модар дер давом накард. Вабое, ки соли 1889 Бухоро ва атрофии онро фаро гирифт, дар чиҳил рӯз ӯро ҳам аз падар ва ҳам аз модар ҷудо кард. Орзую ҳаваси илму шеър Айниро дар 12-солагӣ ба Бухоро овард. Ба мадрасаҳои Бухоро дохил шудан ва дониш гирифтан барои Айнӣ барин фақирзодагони илмҷӯ хеле мушкил буд. Вале ӯ ба шарофати ҳавасмандӣ ва толиби илм буданаш тамоми душвориҳои рӯзгор ва омӯзишро паси сар карда, 16 сол дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил намудааст. Айнӣ дар мадрасаҳои мири Араб, Олимҷон, Бадалбек, Ҳоҷӣ Зоҳид ва Кӯкалтош таҳсил карда, соли 1908 онро хатм мекунад. Муддати 27 соли зиндагӣ дар Бухоро Айнӣ боз аз ду мактаби дигар гузаштааст: яке мактаби меҳнат ва дигаре мактаби ҳаёт. Барои ёфтани қути лоямуташ ӯ аз ҳеҷ кору заҳмат даст накашидааст: гоҳ фарроши мадраса, гоҳ ошпаз, гоҳ ҷомашӯй, гоҷ мардикор буд. Дар мактаби ҳаёт Садриддин ҳаёти ҷамъиятро омухт. Аз табақаю тоифаи гуногуни одамон, муносибатҳои синфии мардум, чаллодони амир, задухурдхои дорою нодоро дониши зиндаги меомухт. Аз соли 1896 Садриддин бо тахаллуси адабии «Айни» ба навиштани шеърхои мустақилона сар кардааст. Назари устод Айни пас аз мутолиа кардани асари Ахмади Дониш «Наводирулвақоеъ» нисбат ба сохти пусидаи аморати Бухоро тамоман дигар гардид ва нисбат ба ин чамъияти фарсуда дар дили у як нафрати нихоние пайдо шуд. Аз ин ру, дар ибтидои асри 20 устод эчодиёти идеяҳои пешқадами маорифпарварон Аҳмади Дониш ва Шоҳинро давом дода, роҳи ояндаи худро муайян намуд. «Тахзибуссибён»- ро устод Айни маҳз ба хотири тарбияи наврасон дар руҳияи муосир соли 1909 барои шогирдони мактабҳои нав офарид. Чунин корҳои хайр ба Амир маъкул набуд. Аз ин хотир, устодро ба зиндон мепартояд ва уро 75 чуб мезананд. Пас аз 52 рузе, ки дар беморхона муоличa мекунад, Садриддин ба Самарқанд кучида меояд. У чи дар Самарқанд ва чи дар Тошкент дар корҳои комитети революциони иштирок карда, варақа, даъватнома ва баённомаҳои ҷанги менависад, таргиботу ташвиқот мебарад. Амири Бухоро аз он ки Хокимияти Шурави ба Айни пушту панох шудааст, бо туҳмати алоқа доштан бо муборизони зиддиаморат, бародари хурдии нависанда -Сироҷиддинро ваҳшиёна дар зиндон мекушад.

«Марсия» - и ҷонгудози Айни ба ҳамин муносибат навишта шудааст. Хирси хунхории Амир бо ин ҳам каноат накарда, бародари калонии ӯ Муҳиддинхочаро низ қатл менамояд. Баъди ин воқеаҳо қалами Айни тезу бурро шуд ва ба у муяссар гардид, ки дар мақолаю рисолаҳо, асарҳои таърихи ва бадеии минбаъдааш нишон диҳад, ки бо хоку замин яксон шудани тартибу низоми амири таърихан конунист. Ҳамин тавр бо галабаи Инқилоби Октябр нависанда аз нав чавон шуд. Истеъдоди шоирию публисисти, насрнависию олимии устод Айни ба дараҷае тараққи кард, ки ӯ аз 15 чилди куллиёташ 14 ҷилди онро дар нимаи дуюми умраш, дар чилсолагиаш эчод намудааст. Барои хизматҳои адаби ва ҷамъиятиаш Айни бо се ордени Ленин, ду «Байрақи сурхи меҳнат» ва медалу грамотахо мукофотонида шудаааст. Дар соҳаи илм ба у дараҷаи доктори фанҳои филологи бахшида шуда, бо унвони академики фахрии Академияи фанҳои РСС Узбекистон тақдир карда шуда буд. Айни академики Академияи Тоҷикистон таъин гардида буд, ӯ нахустпрезиденти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон мебошад. Аз соли 1958 инчониб ҳар сол дар рузи таваллуди нависанда маҷлиси илмии «Солонаи Айни» барпо шуда, материалҳои он дар мачмуаи махсуси «Ҷашнномаи Айни» нашр мегарданд. Бисёр деҳаву ноҳияҳо, кучаю хиёбонҳо, мактабҳо номи уро гирифтанд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 8-уми сентябри соли 1997 ба устод Айни Унвони «Каҳрамони Тоҷикистон» дода шуд. Устод Садриддин Айни соли 1954 дар шахри Душанбе аз олам чашм пушид. Ҳоло макбараи Устод Айни дар як ҷои хушманзараи Душанбе зиёратгоҳи ахли адаб аст. Он ҷоро ҳозир боғи Айни мегӯянд.